**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи "Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои "Дар орзуи падар"-и Кароматулло Мирзо", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пешниҳод шудааст**

Дар илми забоншиносии муосир омӯзиши навъҳои маъно дар маъношиносӣ бахши меҳварӣ ва муҳим ба ҳисоб меравад. Дарки дуруст, мукаммал ва дастраси маъно бештар дар намунаи таҳлили навъҳои маъно муяссар шуда, таҳлилу таҳқиқ ва баррасии маънои коннотативӣ ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Омӯзиш ва пажӯҳиши маънои коннотативӣ барои дарки амиқи имкониятҳои маъноии воҳидҳои забон, муносибати онҳо ба муҳити фарҳангӣ ва эҳсосию арзишии ҷомеа аҳаммияти калон дорад. Коннотатсия ҳамчун ҷузъи иловагии маъно на танҳо мазмуни луғавии калимаҳоро ғанӣ мегардонад, балки муносибат, эҳсосот ва баҳодиҳии гӯяндаро ба таври мукаммал ифода мекунад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи ҷойгоҳ ва нақши маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ барои рушду такомули назарияи маъношиносӣ ва омӯзиши хусусиятҳои забон аҳаммияти муассир дорад.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Бустонзода Тахмина дар ҳақиқат муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ аҳаммиятдор дар назарияи забон, алалхусус, дар илми маъношиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Инчунин, тавре ки худи диссертант дар муқаддимаи кор меорад, Кароматулло Мирзо аз нависандагони барҷастаи тоҷик ба шумор рафта, бо осори гуногунжанри худ дар инкишофи забон ва адабиёти тоҷик дар замони муосир мавқеи назаррас дорад. Доир ба вижагиҳои адабии осори Кароматулло Мирзо муҳаққиқони зиёде таҳқиқот бурдаанд, аммо вобаста ба маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносии осори ин нависанда бори нахуст пажӯҳиш ба анҷом мерасад.

Аз ин рӯ, бори нахуст вижагиҳои маъношиносӣ бар мабнои осори Кароматулло Мирзо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва вобаста ба

раванди пажӯҳиш хелҳои маъно дар маъношиносӣ ва тарзи корбурди онҳо дар асоси асари “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо дар марҳилаи муайяни инкишофи забони тоҷикӣ то андозае ошкор ва муайян мегардад, ки дар бахши назарияи забон, маъношиносии назариявию амалӣ муҳим аст.

Бустонзода Тахмина аз соли 2015 то соли 2022 ба ҳайси омӯзгор дар муассисаи томактабии №20-и шаҳри Бохтар кор ва фаъолият намудааст. Аз соли 2022 ба ҳайси мутаххасис дар шуъбаи бахши таъминоти бақайдгирии ҳуҷҷатҳои Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва аз соли 2023 ба ҳайси раиси бонувони Донишгоҳи мазкур фаъолияташро давом додааст. Аз соли 2025 то ҳол ба ҳайси мутахассис дар шуъбаи умумии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолияташро идома дода истодааст.

Диссертатсия аз муқаддима се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, бобҳои он дар навбати худ ба зербобҳо ҷудо мешаванд. Дар муқаддима муаллиф муҳиммияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаи омӯзиши таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, навовариҳои кор, асосҳои методологӣ ва ҷанбаҳои назариявию амалии таҳқикро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони “Хусусият ва хелҳои маъно дар маъношиносӣ” вижагию навъҳои маънои корбурдӣ (прагматикӣ), корбурди онҳо дар низоми маъношиносӣ ва ҷойгоҳи маънои коннотативӣ дар маъношиносии корбурдиро дар бар мегирад. Боби мазкур фарогири се зербоб аст.

Боби дуюми диссертатсия “Таъсирпазирии маъноҳои корбурдӣ-прагматикӣ” ном дошта, дар зербобҳои он масъалаҳои таъсирпазирии маънои коннотативӣ бо маъноҳои услубӣ ва эҳсосию баҳодиҳӣ ва бархурди онҳо мавриди баррасӣ ва пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Ҳангоми баррасии мавзуъ тарзи хоси корбурди маъноҳои коннотативӣ, услубӣ,

эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар намунаи матнҳои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо таҳлил шудааст. Масалан, маъноҳои эҳсосотии ***хоксорона, шодона, хурсандона, гирёну нолон гаштан, гириста–гириста беҳол шудан*** дар боби мазкур шарҳу тафсил шудаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия “Ифодаи маънои коннотативӣ дар зинаҳои маъношиносии лингвистӣ” ном дорад ва аз 4 зербоб иборат аст. Дар фаслҳои боби мазкур ифодаи маънои коннотативӣ дар фоносемантика, луғатшиносӣ, морфосемантика ва ҷумлаву матн ба риштаи таҳқиқ кашида шуданд.

Диссертант дар диссертатсия ба таври мукаммал вижагиҳои назариявии навъҳои маъно дар маъношиносиро баррасӣ намуда, ду боби дигари диссертатсияро пурра ба таҳлили бахшҳои таъсирпазирии маъноҳои корбурдӣ-прагматикӣ ва коннотативии маъношиносии лингвистӣ бар мабнои асари “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо бахшидааст.

Аҳаммияти илмии дигари диссертатсия дар он аст, ки дар он хусусияти назариявии маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бори аввал дар асари “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо” мавриди омӯзиш қарор гирифта, хусусияти корбурдӣ ва коннотативӣ дар зинаҳои маъношиносии лингвистӣ нишон дода шудааст.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант мушаххасан банд ба банд ҷамъбаст шудааст ва мазмуни ягонаи силсилавии корро инъикос мекунанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Ҳамин тариқ, диссертант кӯшидааст он мақсад ва вазифаҳое, ки дар пажӯҳиши мавзуи мавриди назар гузоштааст, иҷро намояд ва ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Диссертант ҳангоми таҳқиқ дар такя ба осори назариявии илмӣ вобаста ба маъно, маъношиносӣ, семантикаи воҳидҳои луғавӣ, хусусияти

навъҳои маънои коннотативӣ, корбурдӣ, парадигматикаи луғавӣ-маъноӣ, баррасии мисолҳо, ҷамъоварии теъдоди зиёди мавод барои намуна, таҳия ва интишори мақолаҳои илмӣ маҳорату истеъдоди хешро сарф намудааст.

Хулоса, диссертатсияи Бустонзода Тахмина дар мавзуи “Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ
**Нишонӣ:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Шоҳмансур 10, ҳуҷраи 19.
Тел.: (+992)372 32 50 00
Факс: (+992) 372 32 50 00
E-mail: ghlo 2018 @mail.ru

«22» 04 соли 2026

Имзои Ж.Б.Гулназарзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и ДБЗХТ ба номи
Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонӣ:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6
Тел.: (+992)372 32 50 00
Факс: (+992) 372 32 50 00
Сомона: www.dbz.tj
E-mail: rektorzt.dbzkht.tj@mail.ru